**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.KOA-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**06 - уми июли соли 2024 № 80 ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шариф Раҳимзода ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Султонов Зубайдулло Султонович, баромади мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Улуғхоҷаева Х.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Ҳ.У. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов А.К.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Вазирзода Дилором Раҷамат дар мавзуи «Ташаккул ва равнақи маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Вазирзода Дилором Раҷамат дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Вазирзода Дилором Раҷаматро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

**Раисикунандаи Шуро:** Муҳтарам аъзоёни Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани маҷлиси Шуро ҳаст. Нест!

**Раисикунандаи Шуро:** иҷозат диҳед унвонҷӯро барои ҳимояи бо муваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шурои диссертатсионӣ ҷиҳати фаъолияти пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин маҷлиси навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раисикунадаи маҷлиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., дотсент** **Низомов С.Ф.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**06.07.2024 с.**